# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

## Оид ба тасдики Қоидаҳои баҳисобгирӣ, нигоҳдошти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои киматбаҳо ва маҳсулоти онҳо, инчунин тартиби ҳисоботдиҳӣ дар бораи онҳо

Мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Қоидаҳои замимагардидаи баҳисобгирӣ, нигоҳдошти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ва маҳсулоти онҳо, инчунин тартиби хисоботдиҳӣ дар бораи онҳо тасдиқ карда шаванд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 3 августи соли 2007 № 415

ш.Душанбе

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 3 августи соли 2007 № 415

тасдиқ шудааст

# Қоидаҳои баҳисобгирӣ нигоҳдошти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ва маҳсулоти онҳо, инчунин тартиби ҳисоботдиҳӣ дар бораи онҳо

1. Қоидаҳои мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо", бо мақсади таъмини назорат аз рафти муомилоту нигоҳдошти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ҳангоми истеҳсол, истифода ва муомилоти онҳо таҳия шуда, қоидаи нигоҳдошт, пешбурди баҳисобгирӣ ва ҳисобдиҳиро дар бораи истифодабарии металлҳои

қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, маҳсулоти аз онҳо истеҳсолшаванда ва маснуоти дар таркибашон металл ва ё санги қиматбаҳо доштаро муқаррар менамоянд.

2. Қоидаҳои мазкур ба ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла қисмҳои ҳарбӣ ва воҳидҳои низомӣ, инчунин ба шаҳрвандоне, ки тибқи тартиби муқарраршуда ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шуда, дар асоси иҷозатнома ба фаъолияти истеҳсол, истифода ва муомилоти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ҷамъоварӣ, тайёркунӣ, коркарди аввалия ва коркарди шикастапора ва партовҳои металлҳои қиматбаҳо, рекуператсияи сангҳои қиматбаҳо, инчунин маҳсулоти истифодашавандаи дорои металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо машғул мебошанд (минбаъд "ташкилотҳо" номида мешаванд) дахл доранд.

3. Қоидаи баҳисобгирӣ ва нигоҳдошти сарватҳои Фонди давлатии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тартиби ҳисобдиҳӣ дар бораи истифодаи онҳоро Низомномаи Фонди давлатии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

4. Қоидаи баҳисобгирӣ ва нигоҳдошти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ, инчунин тартиби ҳисобдиҳӣ дар бораи истифодаи онҳо аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

5. Баҳисобгирии металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва маҳсулоти онҳо бояд таъмини назорати ҳаракати онҳоро дар ҳамаи марҳилаҳо ва амалиётҳои ҷараёни технологӣ, истеҳсолӣ ва дигар амалиёти вобаста ба истифода ва муомилоти онҳо таъмин намояд.

6. Ташкилотҳо ӯҳдадор ҳастанд, ки ҳисоботи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳоро дар ҳама намуд ва ҳолатҳо, бо шумули металлҳои қимматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳое, ки дар таркиби қисмҳои такмилдиҳандаи харидоришуда, маснуот, асбобҳо, олотҳо, таҷҳизот, яроқу аслиҳа, техникаи ҳарбӣ, маводҳо, маснуоти нимтайёр (аз ҷумла берун аз қаламрави ҷумҳурӣ харидоришаванда ва дар таркиби шикастапора ва партовҳои металлҳои қиматбаҳо ва партовҳои сангҳои қиматбаҳо мавҷудбударо пеш баранд.

7. Баҳисобгирии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ҳангоми истеҳсол, истифода ва муомилоти онҳо аз рӯи номгӯй, вазн (грамм, карат), ва сифат, инчунин бо ифодаи арзишӣ сурат мегирад. Дар ташкилотҳои истихроҷкунандаи металлҳои қиматбаҳо бо назардошти ҷараёни технологии ҷудо карда гирифтан, бойгардонӣ,

коркарди минбаъда, иёргирӣ ва таҳлили ашёи минералие, ки дар таркибашон металлҳои қиматбаҳо доранд, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Баҳисобгирии металлҳои қиматбаҳо, ки дар таркиби маҳсулоти коркарди минералӣ ва ашёи хоми такрорӣ дохил карда мешаванд, ҳангоми ба холискорӣ супурда шуданашон аз рӯи вазни тозаи химиявии металлҳои қиматбаҳо, бо истифода аз қоидаҳои дар банди 12 Қоидаи мазкур пешбинишуда сурат мегирад. Баъди гузаронидани холискорӣ баҳисобгирии металлҳои қиматбаҳои мазкур аз рӯи натиҷаи он сурат мегирад.

Дар ташкилотҳои истихроҷкунандаи сангҳои қиматбаҳо баъди гузаронидани ба навъҳо ҷудокунӣ, гурӯҳбандии ибтидоӣ ва баҳодиҳии ибтидоии онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

8. Ташкилотҳо ҷамъоварии ҳамаи намуди шикастпораҳо ва партовҳои металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳоро дар ҳама ҷойҳо ва манбаҳои пайдошавии онҳо амалӣ менамоянд. Шикастапораҳо ва партовҳои ҷамъовардашудаи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо тибқи талаботи банди 12 Қоидаи мазкур ҳатмӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

9. Шикастапораҳо аа партовҳои металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои дар ҷараёни истеҳсолот ва истифодаи онҳо истеҳсолшаванда аз тарафи ташкилотҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд:

- шикастапораҳо ва партовҳои металлҳои қиматбаҳо - аз рӯи номгӯи металлҳои қиматбаҳо, намуди шикастапораҳо ва партовҳо, вазни онҳо дар лигатура ва вазни аз ҷиҳати кимиёвӣ холиси металлҳои қиматбаҳо, инчунин бо ифодаи арзишӣ, шикастапораҳои маснуоти заргарӣ, ғайр аз ин аз рӯи шумораи маснуот;

- партовҳои сангҳои қиматбаҳо - аз рӯи номгӯй, вазн ва ифодаи арзишӣ.

10. Металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳое, ки ташкилотҳо дар ҷараёни истеҳсолот истифода мебаранд, тибқи меъёрҳои тасдиқгардида, дар мувофиқа бо мақомоти давлатие, ки сиёсати саноатро пеш мебаранд харҷ карда мешаванд. Барои ташкилотҳои давлатӣ бошад, меъёри харочоти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо аз тарафи ташкилотҳои болоии онҳо муқаррар карда мешавад.

11. Аз ҳисоб баровардани металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои дар ҷараёни истеҳсолот истифодашаванда танҳо дар ҳолати тасдиқи ҳуҷҷатии харољоти воқеии онҳо сурат мегирад.

12. Ҳангоми аз ҳисоб баровардани қисмҳои такмилдиҳандаи харидоришудаи маснуот, асбобҳо, олотҳо ва дар ҳолати ғайриимкон будани интихоб барои гузаронидани ташхиси намунавӣ аз шикастапора ва партовҳои бавуҷудомада ташкилотҳо ӯҳдадоранд, ки баҳисобгирии металлҳои қиматбаҳои ба таркиби онҳо дохилшавандаро аз рӯи вазни тозаи химиявии металлҳои қиматбаҳо шумурда дар асоси маълумотҳо дар бораи таркиби металлҳои қиматбаҳои дар ҳуҷҷатҳои техникӣ мавҷудбуда (шиносномаҳо, формулярҳо, дастурҳо барои истифода) амалӣ намояд. Дар ҳолати набудани ин маълумотҳо (нисбат ба таҷҳизоти фарсудаи ватанӣ, воридотӣ) баҳисобгирӣ аз рӯи санадҳои дар асоси маълумотҳои аз тарафи корхонаҳо истеҳсолкунандагон (тайёркунандагон) тартибдодашуда сурат мегирад.

13. Қайдҳо дар кортҳо (карточкаҳо), китобҳои баҳисобгирӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ доир ба металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва маснуоти дорои онҳо дар асоси санадҳои қабулу супурдани воситаҳои асосии мувофиқи қоидаҳои муқарраршуда бақайдгирифташуда, санадҳои қабули маводҳо, кортҳои инвентарии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, кортҳои баҳисобгирии маводҳо, дархости борхат, санадҳои баровардани мол, борхатҳои молӣ ва дигар намудҳои ҳуҷҷатҳои ҳисоботии ибтидоӣ сурат мегирад.

14. Баҳисобгирии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ҳангоми истифодаи онҳо дар ҷараёни истеҳсолот бояд ошкор сохтани дуршавӣ аз харољоти воқеии онҳоро аз меъёрҳои амалкунандаи харољот аз рӯи ҳамаи моддаҳо, бо шумули харољот барои маснуот, партовҳо ва талафот таъмин намояд.

15. Ташкилотҳое, ки сангҳои қиматбаҳоро мехаранд ва истифода мебаранд, сангҳои қиматбаҳои барои тайёр намудани ҷавоҳирот коршоям, инчунин сангҳои қиматбаҳои ба гурӯҳи барои тайёр кардани ҷавоҳирот корношоям дохилшавандаро мутобиқи меъёру тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври алоҳида ба ҳисоб мегиранд.

Сангҳои қиматбаҳое, ки ба гурӯҳи ҷавоҳироти корношоям дохил мешаванд, мутобиқи талаботи умумии баҳисобгирии сарватҳои моддӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

16. Ташкилотҳо вазифадор ҳастанд, ки ҳар сол барӯйхатгирии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳоро анҷом диҳанд.

17. Нигоҳдошти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, махсулоти онҳо, инчунин шикастапораҳо ва партовҳое, ки дар таркибашон металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо доранд дар ташкилотҳо тавре сурат мегирад, ки амнияти онҳо ҳангоми истеҳсол, коркард, истифода, ба кор андохтан ва кашондан таъмин карда шавад.

18. Нигоҳдошти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар биноҳое сурат мегирад, ки ба талаботи техникии махсус оид ба мустаҳкамии техникӣ ва таҷҳизонида шудани воситаҳои муҳофизатӣ ва сигнализатсияи зидди сӯхтор, ки аз тарафи мақомоти ҳокимияти иҷроия мутобиқи конунгузарии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад, ҷавобгӯй бошад.

19. Ташкилотҳо барои пешбурди баҳисобгирии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ба истисноӣ маълумот дар бораи металлҳои қиматбаҳои холискардашуда ва тангаҳое, ки дар таркибашон металлҳои қиматбаҳо дошта, дар тавозуни Бонки миллии Тоҷикистон ва захираҳои Фонди давлатии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешаванд, аз рӯи формаи ҳисоботи давлатии омории металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ки Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд, дар мӯҳлат ва нишонии дар формаҳои мазкур пешбинишуда маълумот пешниҳод менамояд.

20. Шахсоне, ки Қоидаҳои мазкурро риоя намекунанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.